**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734012, ш. Душанбе, кӯч. М. Мастонгулов 3)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Завқизода Солеҳ Амин дар мавзуи “Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 36 саҳ.)**

Мубрамии мавзуи интихобнамудаи диссертант Завқизода С.А. аз муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки он ба суд ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳоро вогузор намудааст. Инчунин мубрамии мавзуъ аз иродаи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар дебочаи Конститутсия ифода ёфта, ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор додааст, бармеояд. Воқеан таваҷҷуҳи ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таҳкими ҳокимияти судӣ равона гардидааст: “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судиро ҳамчун рукни мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф намудааст ва он бояд баҳри таҳкими қонуният ва сохтмони ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд нақши ҳалкунанда дошта бошад. Адолати том ва таъмини ҳаққу манфиатҳои ҳамаи аъзои ҷомеа, муассисаю созмонҳо дар ниҳоят ҳалли худро дар фаъолияти мақомоти судӣ меёбанд”. Зимни омӯзиш диссертант паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, талаботи

меъёрҳои этикаи касбии миллӣ ва байналмилалиро мушаххас бо истифодаи усули муқоисаи ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ анҷом додааст, ки бе ҳаллу фасли ин масъалаҳо дар бораи таҳкими ҳокимияти судӣ сухан рондан ғайриимкон аст. Аз ин ҷо аҳамият, мубрам ва мавзуи рӯз будани таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф исботи худро ёфтааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти хеш доираи васеи масъалаҳоеро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки дар илми ҳуқуқи судии ватанӣ то ҳол доир ба он таҳқиқоти маҷмӯӣ анҷом дода нашудааст. Таҳлилу коркарди мавзуъ аз лиҳози илмиву назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ дар шароити имрӯза барои ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон мувофиқ буда, он барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва амалияи судӣ аҳамияти калон дорад.

Муаллиф дар автореферати диссертатсияи хеш дар баробари дигар паҳлуҳои масъала ба консепсияи таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо диққати ҷиддӣ дода, вобаста ба такмили қонунгузорӣ ва рушди соҳа пешниҳодҳо намудааст. Аз ҷумла муаллиф иброз доштааст, ки омӯзиши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти таълим ва такмили ихтисос барои пешниҳоди консепсияи намунавии миллии таълим ва такмили ихтисоси судяҳо, ки он ба тайёр намудани кадрҳои ба талаботи муосир ҷавобгӯ ва беҳтар гаштани сифати адолати судӣ оварда мерасонад, асос гардидааст (саҳ. 20). Дар автореферат раванди тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо ва номзад ба вазифаи судя ҳамчун раванди таъминкунандаи баланд бардоштани савияи дониши касбӣ ва амалияи касбии онҳо арзёбӣ шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки тайёрии касбӣ бояд, ки ба талаботи муосир нисбат ба масъалаҳои судӣ тарзе мутобиқ гардонида шавад, ки он ба унсури асосӣ ва самараноки баамалбарории адолати судӣ мусоидат намояд (саҳ. 20). Мо ақидаи диссертантро асоснок мешуморем, зеро дар амалия бо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ доираи масъалаҳои гуногуне пайдо мешаванд, ки ҳалли онҳо ба

ухдаи судя гузошта шудааст. Аз ин рӯ лозим меояд, ки раванди тайёр намудани номзад ба вазифаи судя ва такмили ихтисоси судяҳо ҳамчун раванди таъминкунандаи баланд бардоштани савияи дониши касбӣ ва амалияи касбии судяҳо эътироф карда шавад, зеро аз охирон сифати адолати судӣ вобастагии зич дорад. Ба ақидаи диссертант дар таҷрибаи байналмилалӣ ва як қатор давлатҳои Аврупо масъалаи тайёр намудан ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти судӣ дар шакли умум амалӣ карда мешавад. Яъне раванди таълим чӣ ба судяҳо ва чӣ ба кормандони дастгоҳи судҳо тааллуқ дорад. Омӯзиш нишон медиҳад, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ ва як қатор давлатҳои Аврупо ба ду шакли таълим бештар аҳамият дода мешавад, яке барои судяҳои нав ба фаъолият оғознамуда ва дигаре барои судяҳои амалкунанда буда, дуюминро такмили ихтисоси мунтазам ё худ таълими муттасил меноманд (саҳ. 20).

Ҳамзамон дар рисола муаллиф як қатор муассисаҳои таълимии давлатҳо, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии адолати судии Россия, Академияи адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон, Мактаби Олии судяҳои назди Шурои Олии судяҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Мактаби Олии адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қирғизистон ва Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки мақсад ва самтҳои асосии фаъолияти ин муассисаҳо, дар раванди таълим татбиқ намудани усулҳои интерактивии таълим, такмили донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии шунавандагон дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, этикаи касбӣ, психология, муоширати корӣ, истифода ва идоракунии вақт, усули бурдани гуфтушунидҳо, технологияи кор бо иттилоот, тафсир ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ ва дигар масъалаҳо мебошад (саҳ. 21), ки ҳамаи ин масъалаҳо аз ҷониби муаллиф пурра ва ҳаматарафа омӯхта ва таҳлил карда шудаанд. Ақидаи дигари илмии муаллиф чунин аст, ки омӯзиши фаъолияти муассисаҳои таълимии давлатҳои пешрафта бо истифодаи усули муқоисаи ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои нави инкишофи низоми таълим ва

такмили ихтисоси судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, вобаста ба низоми ҳуқуқӣ ва шароитҳои молиявии мавҷуда, намунаи афзалиятноки тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо коркард карда шавад (саҳ. 21). Вобаста ба ин масъалаҳо муаллиф такмили ихтисоси судяҳоро вобаста ба тобеияти идоравӣ даврабандӣ намуда, таълимро ба намудҳо ҷудо карда, мафҳумҳои онҳоро илмӣ ва асоснок пешниҳод намудааст.

Пешниҳоди диссертант вобаста ба мақоми Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ яке аз навовариҳо ба ҳисоб рафта, дар ин самт муаллиф ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст. Аз ҷумла аснои омӯзиш ӯ ба хулоса омадааст, ки баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳо тақозои замони муосир буда, он барои дар сатҳи зарурӣ тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо, кормандони дастгоҳи судҳо, пурра ва ҳаматарафа омӯхтани нозукиҳои вазифаи судягӣ, бо шакли дуруст ва дар сатҳи зарурӣ тартиб додани санадҳои судӣ, инчунин фаъолона истифода бурдани тарзу усулҳои интерактивӣ ва муосири таълим ва талаботи этикаи касбии ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, номбурда пешниҳод намудааст, ки мақоми ниҳоди таълимии судяҳо бояд чун сатҳи муассисаҳои таълимии судяҳои давлатҳои хориҷӣ дар сатҳи Академияи судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта шуда, сохтори он аз 31 мансаби хизмати давлатӣ ва 10 нафар кормандони техникӣ муқаррар карда шавад. Зиёда аз ин масъалаи баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳо аз талаботи банди 8 Нақшаи чорабиниҳои Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 бармеояд.

Дар ин замина бо назардошти асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Маркази таълимии судяҳо, тавсияҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва бо мақсади мукаммал гардонидани низоми таёрии номзад ба вазифаи судя ва ниҳоди коромӯз-судя, инчунин такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо мувофиқи мақсад аст, ки Маркази таълимии судяҳои назди

Суди Олӣ ба Академияи судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад (саҳ. 30).

Ин пешниҳодҳои асоснок ва муфиди муаллиф имкон медиҳанд то механизмҳои нав ва самараноки тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва кормандони дастгоҳи судҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард карда шаванд. Ҳамзамон нуктаҳо ва тавсияҳои амалии муаллиф метавонанд барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ, таҳияи барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳо, маводҳои илмӣ, таълимии муассисаҳои олии касбӣ ва таҳияи корҳои илмӣ истифода шаванд.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла муаллиф дар пешниҳоди 8-уми хулосаи худ иброз доштааст, ки "таҳия намудани лоиҳаи стратегияҳои кутоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат оид ба таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ" ба роҳ монда шавад. Бояд қайд кард, ки дар доираи стратегия ба роҳ мондани масъалаҳои таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ғайриимкон буда, мушкилиҳои зиёдатиро талаб мекунад. Аз ин рӯ меъёрҳои зерин на дар лоиҳаи стратегия, балки дар доираи "барномаҳои кутоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат оид ба таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ" ҷой дода шаванд, хубтар мешуд. Пешниҳоди мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозад ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокaнд.

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи "Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ" ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – намояндаи
комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон дар Маҷлиси Олӣ Зариф Ализода

**Имзои З. Ализодаро тасдиқ мекунам:**

Мудири шуъбаи кадрҳои Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода М.

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ


**Суроғаи муқарриз:**

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734023, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 80
Тел: (+992) 985830062
a.abdumajid@dip.tj